# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025

Мутобиқи муқаррароти моддаи 15 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025-ро таъмин намояд.

3. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, ҷиҳати ҷалб намудани маблағҳои грантии ташкилотҳои молиявӣ чораҳои зарурӣ андешад.

4. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 ҳисобот пешниҳод намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 декабри соли 2019 № 643

ш.Душанбе

Замимаи 1
Бо карори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри соли 2019, № 643
тасдиқ шудааст

# Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 - 2025 (минбаъд - Барнома) Барномаи амали миёнамуҳлат мебошад, ки ба афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 асос ёфта, бо дар назар доштани дастовардҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ, бо мақсади сода ва дастрас намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон, таъмини рушди мунтазами маъмурикунонии андоз, ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва беҳсозии минбаъдаи муносибатҳои андозӣ дар байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз амалӣ мегардад.

2. Рушди маъмурикунонии андоз ҳамчун як ҷузъи муҳимми ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳтар намудани муҳити корӣ ва фазои сармоягузорӣ, таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ нигаронида шудааст.

## 2. ВАЗЪИ КУНУНИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3. Тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи амалисозии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 20112019 бо мақсади такомули маъмурикунонии андоз, барои мусоидат намудан ба рушди устувори бахшҳои гуногуни иқтисоди кишвар як қатор ислоҳот гузаронида шуд. Аз ҷумла дар натиҷаи амалисозии Барномаи мазкур натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

- бо мақсади таҷдиди сохтор ва такмили уҳдадориҳои вазифавии мақомоти андоз Низомномаи Кумитаи андоз дар таҳрири нав таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ карда шуд. Дар ин робита, ҷиҳати беҳгардонӣ ва муосирсозии хизматрасонӣ барои шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба сохтори раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, раёсатҳои андози вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозироти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тағйирот ворид карда шуда, дар сохтори онҳо шуъбаҳои хизматрасонӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва шаҳрвандон таъсис дода шуданд;

- ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии кори Кумитаи андоз, такмили идоракунии он ва бо иттилооти зарурӣ таъмин кардани мақомоти ҳудудии андоз маркази коркарди иттилоот таъсис дода шуд;

- дар байни Вазорати молия ва Кумитаи андоз шабакаи ягона таъсис ёфт, ки тавассути он маълумот дар бораи воридоти андозҳо ба буҷет тавассути хатҳои алоқаи ҳифзшаванда ва хатҳои дигар ба мақомоти андоз интиқол дода мешаванд;

- дар биноҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб барои мақомоти ҳудудии андоз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, раёсати андоз дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раёсатҳои андоз дар вилояти Суғд ва вилояти Хатлон барои ташкили мулоқоти фосилавӣ бо кормандон ва андозсупорандагон толорҳои видеоконференсия таъсис дода шуданд;

- теъдоди хизматрасониҳои ҷоригардидаи электронӣ ба андозсупорандагон то 36 адад зиёд карда шуда, айни замон раванди гирифтани иттилоот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ва ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, азназаргузаронии ҳисоботҳо, тартиб додани санадҳои муқоисавӣ, пешниҳоди эъломияҳо аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ, ҷадвали ҳисоби андоз (барои андоз аз даромад, андоз аз воситаи нақлиёт, амволи ғайриманқул, андози замин), шакли электронии Кодекси андоз барои телефонҳои мобилӣ дар барномаи заминавии Android, дарёфти итттилоот дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда, пардохти андозҳо тавассути кортҳои бонкӣ ва ғайраҳо ба роҳ монда шуд;

- бақайдгирии субъектҳои хоҷагидор тариқи "Равзанаи ягона" ба роҳ монда шуд. Бо дар назар доштани такмили заминаи техникии барномаи компютерии истифодабарии Феҳристи ягонаи давлатӣ бо Агентии омори назди Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон мубодилаи иттилоот аз тариқи онлайн комилан таъмин карда шуда, аз тарафи Агентӣ гузоштани рамзҳои оморӣ ба субъектҳои хоҷагидории ба Феҳристи ягонаи давлатӣ воридгардида анҷом дода мешавад. Тартиби аз тариқи электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ роҳандозӣ гардид;

- дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои апеллятсионӣ ташкил карда шуд;

- сомонаи Кумитаи андоз такмил ва мавриди амал қарор дода шуд, ки фарогири тамоми ҷузъиёти қонунгузории андоз, аз он ҷумла Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар доир ба андоз ва андозбандӣ, дастурамалҳо, мактубҳои дастурию тавзеҳотии Кумитаи андоз ва дигар маводи зарурӣ оид ба таъмини иҷрои қонунгузории андоз мебошад;

- барои қабули фаврии зангҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар Кумитаи андоз Маркази тамос таъсис дода шуд;

- тартиби дар асоси арзёбии хавфҳо таҳия намудани нақшаи санҷиши андози субъектҳои хоҷагидор омода ва ҷорӣ карда шуд.

4. Дар маҷмӯъ, дар рафти амалисозии тадбирҳои дар Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 пешбинишуда ислоҳоти сохторӣ ва функсионалии мақомоти андоз гузаронида шуда, нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷаҳои фаъолияти мақомоти андоз татбиқ гардиданд. Ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори кадрии мақомоти андоз чораҳои иловагӣ андешида шуда, усулҳои нави такмили ихтисоси кормандони мақомоти андоз роҳандозӣ карда шуда, системаи худомӯзии муттасил ҷорӣ гардид.

5. Дар самти таҳия ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ тамоми чорабиниҳои банақшагирифташуда иҷро карда шуданд.

6. Тибқи чорабиниҳои дар Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 пешбинишуда низоми муосири назорати андоз дар асоси арзёбии хавфи вайронкунии қонунгузории андоз омода гардида, ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла вобаста ба сатҳи хавф ва гурӯҳҳои андозсупорандагон принсипҳои асосии назорат муайян карда шуданд.

7. Чораҳои банақшагирифташуда оид ба таҳкими заминаҳои молиявӣ ва моддию техникии мақомоти андоз, оид ба ташкили системаи самараноки кам кардани қарзи андоз ва оид ба содагардонии маъмурикунонии андоз амалӣ карда шуда, ҷиҳати тақвияти нозироти андозсупорандагони калон, инчунин ташкили воҳиди сохторӣ бо мақсади назорати андозсупорандагони миёна чораҳои иловагӣ роҳандозӣ гардиданд.

8. Ин нишондиҳандаҳо дар маҷмӯъ аз беҳтар гардидани маъмурикунонии андоз шаҳодат медиҳанд, аммо аз ҷониби дигар, ҳанӯз ҳам беҳсозии сифати маъмурикунонии андозҳо зарурат дорад.

9. Дар ҷумҳурӣ дар сатҳи маҳалҳо баъзе норасоиҳо дар самти банақшагирӣ ва пешгӯии андозҳо ба назар мерасанд, ки сабабҳои он истифода гардидани усулҳои номукаммал, дақиқ набудани нишондиҳандаҳои оморӣ, иштибоҳот дар муайян намудани нишондиҳандаҳо ва пешниҳоди маълумоти нопурра барои ҳисобкунии андоз аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ва шахсони воқеӣ ба ҳисоб мераванд.

10. Айни ҳол самаранокии маъмурикунонии андоз дар минтақаҳои ҷумҳурӣ танҳо аз рӯи сатҳи ҷамъоварии андозҳо арзёбӣ мешавад ва сари вақт ба буҷет пардохт шудани андозҳо барои муайян намудани сифати системаи идоракунии андоз дар минтақаҳо нишондиҳандаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳолати мазкур аслан ба он вобаста аст, ки маъмурикунонии андоз на ба принсипи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, балки ба танзими маъмурии муносибатҳои андозӣ асос ёфтааст.

11. Бо дар назар доштани вазъи мавҷуда айни замон масъалаҳои муҳимми маъмурикунонии андоз инҳо ба ҳисоб мераванд:

- ҳамкориҳои самараноки байниидоравӣ дар самти маъмурикунонии андоз;

- мавҷуд набудани тартиби арзёбии танзими меъёрҳои андозҳо ва таъсири имтиёзҳои андозӣ;

- истифодаи қисман ва нопурраи механизмҳои ҳавасмандкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ;

- баҳисобгирии нопурраи имтиёзоти истифодашуда аз ҷониби андозсупорандагон;

- ҳанӯз ҳам нокифоя будани имкониятҳои хизматрасонии электронӣ ба андозсупорандагон ва сатҳи пасти расонидани ёри ба онҳо;

- нокифоя будани арзёбии пайвастаи таҳлили даромадҳои андозӣ;

- сатҳи нокифояи назорати дохилии эътимоднокии нишондиҳандаҳои махзани маълумот ва системаҳои технологияи иттилоотӣ;

- нокифоя будани дониши андозӣ ва ҳуқуқии андозсупорандагон (аз он ҷумла сатҳи огаҳии онҳо аз ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои худ);

- мутобиқ набудани баъзе муносибатҳои андозии байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон ба имкониятҳои техникии технологияҳои муосир оид ба интиқол ва мубодилаи иттилоот;

- ҳавасмандии нокифояи андозсупоранда барои иҷрои дуруст ва сари вақтии уҳдадориҳои андозӣ;

- анҷоми нопурраи мониторинги воридоти андозҳо ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти андозҳо аз ҷониби мақомоти маҳаллии андоз;

- дар минтақаҳо номукаммал будан ва дар ҳолатҳои алоҳида умуман татбиқ нагардидани механизми арзёбии ҷанбаъҳои сифатӣ ва миқдорӣ ва имкониятҳои воқеии ҷамъоварии андоз.

12. Дар назар аст, ки ҳангоми татбиқи Барномаи нави маъмурикунонии андоз масъалаҳои болозикр ва вазифаҳои дигар, ки дар доираи Барномаи қаблӣ иҷро нашудаанд, инчунин норасоиҳои дигари системаи мавҷудаи маъмурикунонии андоз ҳалли худро меёбанд.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ

13. Зарурати такмил додани идоракунии андоз, пеш аз ҳама ба муҳим будани ҷамъоварии андозҳо, коҳиши сарбории маъмурӣ ба андозсупорандагони бомасъулият, тавсеаи шаффофияти системаи андоз алоқаманд мебошад, ки фаъолияти минбаъдаи онро мушаххас менамояд.

14. Ҳадафи асосии Барнома фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорон ва сармоягузорон, ҳамчун омили асосии афзоиши самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои андозӣ мебошад.

15. Вазифаҳои асосии Барнома аз инҳо иборатанд:

- баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои байниидоравӣ бо мақомоти дигари давлатӣ дар самти маъмурикунонии андоз;

- таҳия намудани тартиби арзёбии танзими меъёрҳои андозҳо ва таъсири имтиёзҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ;

- такмили равандҳои беҳсозии маъмурикунонии андоз, аз ҷумла тавассути муттаҳидсозии равандҳои рушди соҳибкорӣ;

- таҳкими механизмҳои ҳавасмандсозандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷараёни мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз;

- коҳишёбии хароҷоти марбут ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ташаккули низоми устувори андоз, ки барои ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меорад;

- мусоидат намудан ба тақвият бахшидани корҳо дар самти ҷоригардонии иқтисоди рақамӣ ва кам кардани таъсири омили инсонӣ;

- ҷорӣ кардани шакли нави назорати андоз - мониторинги андоз, ки дар байни мақомоти андоз ва андозсупорандагони масъулиятнок мубодилаи васею нави иттилоотиро ба вуҷуд меорад, ки ҳадафи он фақат назорат набуда, балки пешгирӣ кардани амалиёти дорои хавф ва омилҳои бавуҷудоварандаи онҳо мебошад;

- вусъат бахшидани корҳо дар самти пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ дар мақомоти андоз;

- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии андозсупорандагон ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи риояи қонунгузории соҳа аз ҷониби андозсупорандагон.

16. Амалисозии вазифаҳои номбурда барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд, хароҷоти маъмуриро барои иҷрои уҳдадориҳои андоз коҳиш медиҳад, ҷиҳати татбиқи иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад ва ба мақоми ҷумҳурӣ дар раддабандии байналмилалии Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ таъсири мусбат мерасонад.

17. Самтҳои асосии амалигардонии Барнома:

- рушди маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ;

- рушди пайвастаи системаи автоматикунонидашудаи маъмурикунонии андоз, ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, кам кардани истифодаи ҳуҷҷатҳои қоғазӣ;

- баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон;

- беҳтар намудани сифати фаъолияти мақомоти андоз.

## 4. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТШАВАНДА

18. Ноил гардидан ба мақсадҳои Барнома шароити мусоиди фаъолияти андозсупорандагонро бо роҳи амалӣ намудани расмиёти содакардашудаи маъмурикунонӣ ва имконияти иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар шакли электронӣ, бе алоқаи мустақим бо корманди мақомоти андоз таъмин хоҳад кард, ки дар натиҷа вақт ва мутаносибан хароҷоти моддии андозсупорандагон барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ сарфа карда мешавад.

19. Тамоми чорабиниҳои дар Барнома пешбинишуда ба маҳдуд намудани иқтисоди пинҳонӣ ва дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолияти минбаъдаи он нигаронида шуда, имкон медиҳад манбаъҳои андозбандӣ ва воридоти андозҳо зиёд карда шавад.

20. Дар назар аст, ки амалисозии бомуваффақи чорабиниҳои дар Барнома пешбинишуда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки соли 2025 дар раддабандии байналмилалии Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ аз рӯи нишондиҳандаи "Андозбандӣ" ҳадди ақал мақоми 80-умро соҳиб гардад.

## 5. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

21. Татбиқи амалии Барнома дар доираи маблағҳои буҷетӣ, инчунин бо дастгирии созмонҳои байналмилалии молиявӣ сурат мегирад.

## 6. ТАШКИЛИ АМАЛИГАРДОНӢ ВА МОНИТОРИНГИ ИҶРОИ БАРНОМА

22. Ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои дар Барнома пешбинишуда мутобиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 20202025 амалӣ карда мешаванд.

23. Нақшаи чорабиниҳо аз натиҷаҳои мушаххас бо нишон додани иҷрокунандагон ва мухлати муқарраргардида иборат аст.

24. Назорати умумии рафти иҷрои Барнома аз ҷониби Кумитаи ҳамоҳангсоз амалӣ карда мешавад, ки ба он раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбари Кумитаи ҳамоҳангсоз), муовинони вазирони молия, рушди иқтисод ва савдо ва раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, инчунин роҳбарони ду ассотсиатсияи соҳибкорӣ (аъзои Кумитаи ҳамоҳангсоз) ва котиби Кумитаи ҳамоҳангсоз шомил мегарданд.

25. Фаъолияти Кумитаи ҳамоҳангсоз дар асоси низомномаи он сурат мегирад. Кумитаи ҳамоҳангсоз дар ҷаласаҳои худ, ки на камтар аз ду маротиба дар як сол баргузор мегарданд, рафти иҷрои Барномаи мазкур ва фаъолияти созмонҳои

байналмилалии молиявӣ ба он ҷалбшударо баррасӣ намуда, қарорҳои Кумитаи ҳамоҳангсозро қабул менамояд.

26. Назорати ҷории амалисозии Барномаи мазкур, ҳамкорӣ бо сармоягузорон, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, таҳия ва нигоҳдории протоколҳо ва мукотиботи дигарро котиби Кумитаи ҳамоҳангсоз амалӣ менамояд. Раиси Кумитаи ҳамоҳангсоз ҳар шаш моҳ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рафти амалисозии Барномаи мазкур маълумот пешниҳод менамояд.

Замимаи 2
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри соли 2019, №643
тасдиқ шудааст

Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 - 2025

| Самти 1<br>Рушди маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Вазифаҳо | Натиҷаҳои чашмдоштшаванда | Чораҳо | Нишондиҳандаҳои натиҷавӣ | Иҷрокунандагон | Эҳтиёҷоти молиявӣ |
| **1.** Беҳсозии маъмурикунонии андоз, аз ҷумла тавассути муттаҳидгардонии (реинжиниринги) равандҳои бизнес | Афзоиши миқдори хизматрасониҳои фосилавӣ ва фаврӣ | Фароҳам овардани фазои нисбатан мусоид барои субъектҳои соҳибкорӣ бо роҳи содагардонии тартиби маъмурикунонии андоз. Татбиқи механизмҳои дастгирии андоз барои соҳибкории иҷтимоӣ | Номгӯи нави хизматрасониҳо муайян, таҳия, тасдиқ ва амалӣ мегардад.<br>Ҳуҷҷати барномавии «Механизми дастгирии андозии соҳибкории иҷтимоӣ» таҳия мегардад | Кумитаи андоз ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ | |
| 2. Болоравии нуфузи мақомоти андоз тавассути идоракунии одилона, қобили қабул ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ | Бо мақсади коҳиш додани сатҳи сӯиистифода аз муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби мақомоти андоз ва дар ин замина зиёд намудани маблағҳои андозҳо ва пардохтҳои иловагӣ аз натиҷаи санҷишҳои | Кам намудани шаклҳои мухталифи назорат дар фаъолияти андозсупорандагони бомасъулият аз ҳисоби содагардонии назорати андоз ва зиёд намудани таваҷҷуҳ ба фаъолияти андозсупорандагони бемасъулият. | Вазъи андозсупорандае, ки уҳдадориҳои андозро сари вақт иҷро мекунад, беҳтар гардида, барои пешгирии фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина вазъи тағйирот дар бахши иқтисодӣ пинҳонӣ мунтазам мавриди таҳлил қарор мегирад | Кумитаи андоз | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | андозӣ | Содагардонии расмиёти барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор | | | |
| 3. Афзоиши ҷамъоварии андоз тавассути васеъ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ | Кам шудани адади корхонаҳо аз бахши иқтисоди ниҳонӣ ва афзоиши адади онҳо дар бахши расмии иқтисодиёт | Муттаҳидсозии амалҳо бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба баровардани корхонаҳо аз бахши иқтисоди ниҳонӣ ба бахши расмии иқтисодиёт | Коҳиш ёфтани иқтисоди ниҳонӣ.<br>Якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастурҳои мушаххас ҷиҳати ҳамгироии чораҳо оид ба баровардани корхонаҳо аз бахши иқтисоди ниҳонӣ ба бахши расмии иқтисодиёт таҳия мегардад | Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Кумитаи андоз | |
| | Баланд бардоштани масъулияти андозсупорандагон дар самти иҷрои ухдадориҳои андоз | Ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (рафъи ихтилофот, содагардонии андоз ва низоми андозбандӣ, содагардонии маъмурӣ, афзоиши шаффофияти фаъолияти мақомоти андоз) | Афзоиши устувори ҳиссаи андоз дар ММД, ҳисоботи таҳлилӣ омода ва пешниҳод мегардад.<br>«Ҳисобот оид ба ворид гардидани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (рафъи ихтилофҳо, содагардонии андоз ва низоми андозбандӣ, инчунин содагардонии маъмурӣ, афзоиши шаффофияти фаъолияти мақомоти андоз)» таҳия мегардад | Кумитаи андоз, Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати адлия ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи далатӣ | |
| 4. Бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон, барои таҳия ва пешниҳоди | Ба воситаи содагардонии баҳисобгирии андозӣ бо мақсади | Бартараф намудани монеаҳо, ки садди роҳи ҳамгироии ҳисоботи | Манбаи андоз аз даромад, ҳиссаҷудокунӣ, муқарраротi дигар ва қоидаҳои | Кумитаи андоз, Вазорати молия | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ҳисоботи андоз, инчунин такмил додани ҳамкориҳои андозсупорандагон ва мақомоти андоз, вазифагузорӣ мешавад, ки қоидаҳои баҳисобгирии андозӣ ва муҳосиботии корхонаҳо ба ҳам наздик гардонида шаванд | наздиксозии қоидаҳои ҳисоботи андоз ва муҳосибот | андоз ва муҳосибот вуҷуд доранд | баҳисобгирӣ мутобиқ гардонида мешаванд. Ҳисоботи андоз сода мегардад. Вақт барои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи андоз аз ҷониби андозсупоранда коҳиш меёбад. Маҷмӯи тавсияҳо ва лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба бартараф намудани монеаҳо, ки садди роҳи ҳамгироии ҳисоботи андоз ва муҳосибот мебошанд, таҳия карда мешавад | | |
| 5. Такмили заминаҳои технологӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар ҳама соҳаҳои хоҷагидорӣ | Тавсеаи истифода барои мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии ҳисоботи он бо шакли электронӣ дар ҳама соҳаҳои хоҷагидорӣ | Боз ҳам сода намудани истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии ҳисоботи он бо мақсади сарфа намудани вақт ва кам намудани хароҷоти андозсупорандагон | Дар ҳама соҳаҳои хоҷагидорӣ истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии интиқоли маълумот ба Кумитаи андоз пурра дар шакли электронӣ ба роҳ монда мешавад | Кумитаи андоз, Вазорати молия ва Вазорати адлия | |
| 6. Муайян намудани механизми баҳисобгирӣ, назорат ва андозбандии савдои электронӣ | Ташкил намудани барномаи (модули) нави компютерӣ ҷиҳати баҳисобгирӣ, назорат ва андозбандии даромади ширкатҳое, ки ба хизматрасонии электронӣ машғул мебошанд | Фароҳам овардани шароити мусоиди соҳибкорӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ ба роҳ мондани баҳисобгирии ширкатҳои пешниҳодкунандаи хизматрасонии электронӣ | Бо дар назар доштани омӯзиши қонунгузорӣ ва таҷрибаи дигар давлатҳо барномаи (модули) нави компютерӣ бо мақсади баҳисобгирӣ, назорат ва андозбандии даромади ширкатҳои пешниҳодкунандаи | Вазорати молия, Кумитаи андоз | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | хизматрасонии электронӣ таҳия карда мешавад | | |
| 7. Таҳия намудани дастурамалӣ методӣ бо меъёрҳои мушаххас ҷиҳати муайян намудани хавфҳои пинҳонкунии манбаъҳои андозӣ дар ташкилотҳо барои кормандони мақомоти андоз | Муайян ва пешгирӣ намудани намудани хавфҳои пинҳонкунии сарчашмаҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон | Такмил додани барномаҳои (модулҳои) дахлдори компютерӣ ҷиҳати гузаронидани назорати андоз дар фаъолияти андозсупорандагон бо мақсади муайян намудани манбаъҳои пинҳон намудани андоз | Ба шаффофияти фаъолияти андозсупорандагон мусоидат намуда, иқтисодиёти пинҳонӣ, канорагирӣ аз андозбандӣ ва ба миён омадани омилҳои коррупсионӣ коҳиш меёбад | Кумитаи андоз ва Вазорати молия | |
| Самти 2<br>Рушди пайвастаи системаи автоматикунонидашудаи маъмурикунонии андоз, ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, кам кардани истифодаи ҳуҷҷатҳои қоғазӣ | | | | | |
| Вазифаҳо | Натиҷаҳои чашмдоштшаванда | Тадбирҳо | Нишондиҳандаҳои натиҷавӣ | Иҷрокунандагон | Эҳтиёҷоти молиявӣ |
| 1. Гузариш ба моделҳои нави технологии рушди системаи мақомоти андоз | Баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон | Гузаронидани равандҳои бештари кории маъмурикунонӣ ба шакли электронӣ.<br>Татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо барои таъмини пурраи субъектҳои соҳибкорӣ бо имзои электронии рақамӣ | Усулҳои технологии кор дар мақомоти андоз ҷорӣ карда мешаванд.<br>Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба гузаронидани аксари ҷараёни маъмурӣ дар шакли электронӣ омода карда мешавад | Кумитаи андоз, созмонҳои байналмилалии молиявӣ | |
| 2. Таъсис додани муҳити махсуси технологӣ ва махзани маълумоти худкор, ки маълумотро аз субъектҳои гуногун бо | Мураттабсозии маълумот дар бораи андозсупорандагон | Афзун намудани назорати худкори мушоҳидавӣ (бе ташриф овардан ба назди андозсупоранда ва | Меъёрҳои эътимоднокии иттилоот дар бораи андозсупорандагон муайян карда мешавад<br>Усулҳои арзёбии эътимоднокии иттилоот дар | Вазорати молия ва Кумитаи андоз | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| мақсади муқаррар намудани эътимоднокии иттилоот дар бораи андозсупорандагон ва ҳалли масъалаҳои таҳлилӣ ҷамъ меоварад | | алоқаи бевосита бо андозсупоранда) | бораи андозсупорандагон таҳия мегардад<br>Оид ба назорати худкори мушоҳидавӣ ҳисоботи таҳлилӣ ташаккул меёбад | | |
| | Дар шакли электронӣ ҷорӣ намудани раванди баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда | Пурра ҷорӣ намудани механизми баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда дар шакли электронӣ | Механизми электронии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҷиҳати сари вақт баргардонидани мабалағи ААИ ва сарфа намудани вақти (хароҷоти) андозсупорандагон ҷорӣ карда мешавад | Вазорати молия, Кумитаи андоз | |
| 3. Татбиқи васеи системаи маҷмӯии коркарди электронии маълумот, ки дар фаъолияти мақомоти андоз дар заминаи технологияҳои муосири иттилоотӣ таҳия шудааст | Низоми хизматрасонӣ ба андозсупорандагон такмил ёфтааст | Арзёбии системаи маъмурикунонии андоз бо истифода аз воситаи ташхисии маъмурикунонии андоз (ТАДАТ) | Хизматрасонӣ ба андозсупорандагон такмил дода мешавад.<br>Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба арзёбии системаи идоракунии андоз бо истифода аз воситаи ташхисӣ омода карда мешавад | Кумитаи андоз, созмонҳои байналмилалии молиявӣ | |
| | Таъминоти барномавии системаи иттилоотии «Равзанаи ягона» на танҳо ба ташаккули махзани маълумот, балки ба иҷрои вазифаҳои таҳлилии коркарди иттилооти мақомоти андоз бо истифода аз вазифаҳои таносубӣ нигаронида шудааст | Ҳамоҳангсозии махзани маълумоти мақомоти андоз бо вазифаҳои таҳлилӣ оид ба коркарди иттилооти мақомоти андоз, истифодабарии вазифаҳои таносубӣ, муқоиса ва коркарди маълумоти аз вазорату идораҳо бадастомада | Амалисозии вазифаҳои муқоисаи таносуби иттилооти андоз таъмин карда мешавад.<br>Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба иҷрои корҳои ҳамоҳангсозии махзани маълумоти мақомоти андоз бо вазифаи таҳлилӣ оид ба коркарди иттилоот таҳия мегардад | Кумитаи андоз | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Истифодаи васеи технологияҳои муосири маъмурикунонӣ, идоракунии хавфҳо, воситаҳои таҳлил, усулҳои пешгӯӣ, технологияҳои таълимӣ, мониторинг, лоиҳакашӣ | Стандартикунонӣ ва автоматикунонии амалиёти асосии маъмурӣ | Технологияҳои муосири маъмурӣ истифода мешаванд. Оид ба стандартикунонӣ ва автоматикунонии амалиёти асосии маъмурикунонии андоз ҳисоботи таҳлилӣ омода гардид | Кумитаи андоз | |
| | Таҷдиди инфрасохтори моддию техникӣ дар фаъолияти мақомоти андоз, ки имкон медиҳад мушкилоти нав ва қаблан дар ҷараёни маъмурикунонии андоз ба миёномадаро сари вақт ва пурра ҳаллу фасл карда шавад | Навсозии пурраи инфрасохтори моддию техникии мақомоти андоз | Баҳисобгирии пурраи маводу амволи инфрасохтори моддию техникӣ гузаронида шудааст, ҳисоботи таҳлилӣ оид ба иҷрои вазифа омода карда мешавад | Кумитаи андоз, созмонҳои байналмилалии молиявӣ | |
| Самти 3<br>Баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон | | | | | |
| Вазифаҳо | Натиҷаҳои чашмдоштшаванда | Тадбирҳо | Нишондиҳандаҳои натиҷавӣ | Иҷрокунандагон | Эҳтиёҷоти молиявӣ |
| 1.Таҳкими механизмҳои ҳавасмандкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва | Ташаккули механизми таҳлил ва арзёбии хавфҳои андозӣ | Татбиқи системаи идоракунии хавфҳо дар фаъолияти мақомоти андоз | Афзоиши фаъолияти андоз дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои кишвар. | Кумитаи андоз, созмонҳои байналмилалии молиявӣ | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| сармоягузорӣ дар ҷараёни маъмурикунонии андоз | | | Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба татбиқи системаи идоракунии хавфҳо (риск-менеджмент) дар фаъолияти мақомоти андоз таҳия мегардад | | |
| 2. Баланд бардоштани иқтидори минтақавӣ ҷиҳати истифодаи механизми андоз барои ҳавасмандии фаъолгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ | Баланд бардоштани нақши нозироти андози шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар маъмурикунонии андоз | Истифодаи фаъоли бештари мақомоти маҳаллии андоз дар хизматрасонӣ ба андозсупорандагон | Афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар.<br>Ҳисобот «Оид ба натиҷаҳои ҳавасмандгардонии андозии фаъолнокии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ» таҳия мегардад | Кумитаи андоз, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | |
| **3.** Ташкили системаи арёбии ҷамъиятии пайваста ва мустақили сифати хизматрасониҳои андоз ва фаъолияти мақомоти андоз | Беҳгардонии сифати хизматрасониҳои андоз | Таҳияи низоми робитаи тарафайн (бозгашт) бо андозсупоранда, ташкили системаи иттилооти фаврӣ, босифат ва маслиҳатдиҳӣ ба андозсупоранда, аз ҷумла такмили кори Маркази тамос | Фаъолияти самараноки Маркази тамос ба роҳ монда мешавад.<br>Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба фаъолияти Маркази тамос таҳия мегардад | Кумитаи андоз | |
| 4. Баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии соҳаи андоз, огоҳии андозсупорандагон ва дар натиҷа мустақилона риоя намудани қонунҳои андоз | Риояи қонунгузории андоз | Ҷорӣ намудани механизми танзимкунандаи машваратии андоз ва масъулияти мушовирони андоз, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз | Фаъолияти дурусти андозсупорандагон ва машварати ихтиёрии андоз таъмин мегардад.<br>Ҳисобот оид ба ҷорӣ гардидани механизми танзимкунандаи машварати андоз ва масъулияти мушовирони андоз, баланд бардоштани самаранокии | Кумитаи андоз, | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | мақомоти андоз таҳия мегардад | | |
| | Афзоиши хударзёбии дороиҳо, ки метавонад шаффофияти кори мақомоти маҳаллиро таъмин кунад ва ба онҳо дар муколама бо андозсупорандагон кумак расонад | Тезонидани муҳлати баррасии шикоятҳо | Афзоиши истифодаи иқтидори андозӣ дар минтақаҳои кишвар таъмин мегардад. Мақомоти минтақавии андоз оид ба баррасии шикоят ва мурочиатҳои воридшуда ҳисобот пешниҳод менамояд | Кумитаи андоз | |
| | Сатҳи маърифатнокии аҳолӣ оид ба пардохтҳои андозӣ баланд шуда, сатҳи ноогоҳӣ дар соҳаи қонунгузории андоз коҳиш дода шуд. | Ҳавасмандии фаъолият дар соҳаи брокерҳои андозӣ | Шумораи брокерҳои соҳаи андоз дар кишвар афзоиш меёбад. Ҳисоботи таҳлилӣ «Оид ба фаъолият дар соҳаи брокерҳои соҳаи андоз» омода мегардад | Кумитаи андоз, созмонҳои байналмилалии молиявӣ | |
| | Муомилоти ҳуҷҷатӣ байни андозсупоранда ва мақомоти андоз асосан тавассути воситаҳои электронӣ амалӣ мегардад | Тақвият бахшидан ба гардиши ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ дар байни андозсупоранда ва мақомоти андоз | Дар ҷараёни идоракунии андоз байни андозсупоранда ва мақомоти андоз дар амал алоқаи бевосита ба вуҷуд намеояд. Ҳисобот дар бораи «Ҳолати гардиши электронии ҳуҷҷатҳо миёни андозсупоранда ва мақомоти андоз» омода хоҳад шуд | Кумитаи андоз | |
| | Тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои андозсупорандагон | Ташаббус оид ба таъсиси ассотсиатсия ҷамъиятии ҳифзи | Иттиходияи ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои андозсупорандагон таъсис дода мешавад. | Кумитаи андоз, Вазорати адлия | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳуқуқҳои андозсупорандагон | Ҳисобот «Оид ба таъсис додани Иттиҳодияи ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои андозсупорандагон» таҳия мегардад | | |
| Самти 4<br>Беҳтар намудани сифати фаъолияти мақомоти андоз | | | | | |
| Вазифаҳо | Натиҷаҳои чашмдоштшаванда | Тадбирҳо | Нишондиҳандаҳои натичавӣ | Иҷрокунанда-гон | Эҳтиё-ҷоти молиявӣ |
| 1. Азхудкунии вазифаҳои нави маъмурикунонии андоз | Баланд бардоштани самаранокии тамоми воҳидҳои сохтории мақомоти андоз, суръатбахшии кор, беҳтар кардани сифати қарорҳои қабулшуда | Гузаронидани тренингҳо барои кормандони ҳамаи сатҳҳо | Шумораи довталабони омӯзонидашуда афзоиш меёбад.<br>Ҳисобот «Оид ба азхудкунии вазифаҳои нави маъмурикунонии андоз ва рушди системаи омӯзиш» таҳия мешавад | Кумитаи андоз, Донишгоҳи молия ва иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 2. Кам кардани хароҷоти марбут ба иҷрои ухдадориҳои андоз, ташаккули низоми устувори андоз, ки барои ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меоварад | Таъмини шаффофияти назорати андоз, коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ | Кам кардани хароҷоти андозсупорандагон барои иҷрои ухдадории андоз, кам кардани адади санҷишҳои андозсупорандагон | Низоми санчиш ба стандартҳо мутобиқ гардонида мешавад.<br>Ҳисобот «Оид ба шаффофияти расмиёти назорати андоз бо хулосаҳо ва маҷмӯи тавсияҳо» таҳия хоҳад шуд. | Кумитаи андоз | |
| 3. Татбиқ намудани системаи муосири таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷорӣ намудани идоракунии стратегӣ дар | Ташкил кардани низоме, ки тадриҷан сатҳи касбияти кормандони мақомоти андозро баланд мебардорад | Ташкили низоми омӯзиши пайваста ва такмили дониши кормандон | Низоми идоракунӣ ва сохтори ташкилии мақомоти андоз беҳтар мегардад.<br>Маълумотномаҳои зерин таҳия мешаванд: (1) «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми | Кумитаи андоз, созмонҳои байналмилалии молиявӣ | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| мақомоти андоз (бо шакли мурофиавӣ) | | | фаъолияти соҳибкорӣ»; (2) «Ҳуҷҷати идоракунии стратегӣ ва протсесуалӣ» (бо шакли мурофиавӣ) | | |
| 4. Ҷорӣ намудани шакли нави назорату мониторинги андоз | Пешгирии амалиёти дорои хавф аз ҷониби андозсупоранда ва муайян намудани омилҳое, ки ба пайдоиши он сабабгор мешаванд | Иваз кардани Раёсати назорати умумӣ бо раванди мониторинг | Тавсеа ва ташкили мубодилаи нави иттилоот байни мақомоти андоз ва андозсупорандагони бовиҷдон<br>Ҳисобот «Дар бораи ҷорӣ гардидани шакли нави назорату мониторинги андоз» таҳия мегардад | Кумитаи андоз | |
| 5. Пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ дар мақомоти андоз | Муайян кардани масъулияти ҳар як воҳиди сохторӣ ва ҳар як корманд | Дар асоси таҳлилҳои дақиқ муайян намудани доираи масъулияти ҳар як воҳиди сохторӣ ва ҳар як корманд ҷиҳати пешгирӣ намудани такроршавии уҳдадориҳои вазифавии онҳо | Доираҳои масъулияти ҳар як воҳиди сохторӣ ва ҳар як корманд тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ муқаррар карда мешаванд. Ҳисоботи таҳлилӣ «Дар бораи чораҳои пешгирӣ ва аз байн бурдани ҳолатҳои коррупсионӣ дар мақомоти андоз» таҳия мешавад. Маълумотнома «Дар бораи масъулияти мансабии корманди мақомоти андоз» таҳия мегардад | Кумитаи андоз | |
| | Такмили низоми омода ва интихоб намудани кадрҳо<br><br>Қабули низоми ҳавасмандгардонии | Ташкили низоми ҳавасмандгардонии кормандон, аз он ҷумла сатҳи арзандаи музди меҳнат, мукофотпулӣ ва | Иқтидори Кумитаи андоз ҳамчун мақомоти давлатӣ афзуда он метавонад вазифаҳои бамиёномадаро ҳал намояд. Гузориш «Оид ба ҳавасманд намудани | Кумитаи андоз | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | сифати фаъолияти мақомоти андоз | кумакпулиҳои иҷтимоӣ | кормандони мақомоти андоз» таҳия карда мешавад | | |
| | Истифодаи усулҳои нав ҳангоми гузаронидани назорати мушоҳидавӣ | Тақвият додани татбиқи усулҳои инноватсионӣ дар маъмурикунонии андоз | Сатҳи ихтилофи манфиатҳо байни мақомоти андоз ва андозсупоранда дар ҷараёни чораҳои назоратӣ коҳиш меёбад.<br>Ҳисобот «Дар бораи татбиқи усулҳои инноватсионӣ дар маъмурикунонии андоз» таҳия карда мешавад | Кумитаи андоз, созмонҳои байналмилалии молиявӣ | |
| | Ташкили хизматрасонии фосилавӣ ба андозсупорандагон | Гузариш ба хизматрасонии фосилавӣ ба андозсупорандагон, аз он ҷумла татбиқи чорабиниҳои назоратӣ, гузариш ба шаклҳои электронии тартибот, ба монанди гирифтани патент, шаҳодатнома, пешниҳоди ариза ва ғайра | Гузариш ба шакли электронии расмиёт, ба монанди гирифтани патент, шаҳодатнома, пешниҳоди ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои маъмурӣ анҷом дода, дар ин бора ҳисоботи таҳлилӣ таҳия карда мешавад | Кумитаи андоз | |